**Суратмаҷлиси № 9**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 17 сентябр соли 2020 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
Аз 20 нафар аъзои
Шӯро 15 нафар

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи **«Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ (мушовири илмӣ д.и.ф., профессор Абдуллозода М. А.) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур ба Шӯрои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Гулназарова Ж. Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Бозорзода Нуриддин Шодипур – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи **«Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз

рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ (роҳбари илмӣ д.и.ф., профессор Абдуллозода М.А.) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Садуллоев Ҷ. – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, раиси комиссияи ташхис;
- Муродов М. Б. – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис;
- Азимов А. – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис.

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор 15 нафар, зид, бетараф – нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.